**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17).**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи илмии Давлатов Диловар Сайфуллоевич дар мавзӯи “Такмили танзими андозии иқтисоди миллӣ (дар маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ )”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Молия, гардиши пул ва қарз пешниҳод шудааст.**

Дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, нақши танзими андоз дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ба андозаи зарурӣ таҳқиқ ва коркард нагардидааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи он банақшагирии андозҳо, то ба ҳол бе назардошти баҳисобгирии иқтидори андозсупорӣ амалӣ мегардад.

Аз ин лиҳоз, пурзӯргардонии нақши давлат дар танзими андоз ва мукаммалгардонии вазифаҳои он дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мушкилоти ҷиддӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, аз нигоҳи илмӣ асоснок кардани нақши давлат дар танзими андозии рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи он, дар заминаи такмил намудани сиёсати андозбандӣ муҳиммияти интихоби мавзӯи таҳқиқшавандаро муайян менамояд.

Бинобар ин, мубрамияти мавзӯи интихоб намудаи Давлатов Диловар Сайфуллоевич барои рушди иқтисоди кишварамон хело муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ намудан мумкин аст.

Аз автореферати Давлатов Диловар Сайфуллоевич ба назар мерасад, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт, иборат мебошад. Инчунин бо Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй будани он аз бандҳои дар автореферат оварда аён аст. Инчунин аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқоти муаллиф аз тадқиқоти назариявию методологии танзими

андозии иқтисоди миллӣ (дар маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) иборат мебошад, ки дар он ақидаҳои мактабҳои иқтисодӣ ва олимони ватанию хориҷӣ дар амал асоснок карда шудаанд.

Муаллиф зимни тадқиқот ба хулосае меояд, ки танзими андоз ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ таъсири сахт мерасонад. Аз як тараф давлат бо ёрии ҷорӣ кардани афзалиятҳои андозӣ, имтиёзҳои андозӣ, озод кардан аз андозсупорӣ кумак мекунад, тағйироти сохторӣ дар иқтисодиётро таъмин менамояд, самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиро дастгирӣ намуда, ба такмили зерсохтҳои истеҳсолӣ ва ғайра мусоидат менамояд. Аммо аз тарафи дигар, давлат бо ҷорӣ кардани микдори зиёди андозҳо ва меъёри баланди онҳо садди роҳи рушди иқтисодии кишвар мегардад (С. 10).

Ба акидаи муаллиф низоми имрӯзаи андозбандӣ, бо рушди иқтисоди миллӣ сахт алоқаманд аст ва яке аз омилҳои асосии ин рушд, субот ва пойдории андоз ба шумор меравад. Низоми амалкунандаи танзими андозии иқтисоди миллӣ ва танзимнамоии андозии иқтисодии дар амал татбиқшуда, бо сабаби камдаромад будани корхонаҳо ва фаъолияти иқтисодӣ, кам шудани теъдоди корхонаҳои истеҳсолкунанда, истифодаи таҷҳизоти кӯҳнашуда ва набудани маблағгузории мувофиқ, натавонистанд таъсири зарурӣ расонанд (С. 16).

Аз тарафи муаллиф ҷанбаҳои назариявии танзими андозӣ таҳқиқ гардида, назарияи муосири танзими андозбандии рушди иқтисодӣ омӯхта шуда, низоми танзими андозбандии рушди иқтисодӣ, ки тавассути ҳавасмандкунии тараққиёти истеҳсолот бо ёрии истифодаи имтиёзҳои андозӣ, афзалиятдиҳии андозӣ, тахфифҳои андозӣ, таътили андозӣ, қарзҳои сармоягузории андозӣ ва ғайра амалӣ мегардад, мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар баробари аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва нуктаҳои муҳим, автореферат аз норасоиҳо низ орӣ нест, ба монандӣ:

1. Хуб мешуд дар оянда муаллиф чунин тадқиқотро яъне танзими андозро дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ гузаронида, ҳолату

сабабҳои пасти воридшавии андозҳо, роҳҳои бартараф намудани онҳоро ошкор намуда, онро ба мақомотҳои дахлдор баррасӣ менамуд;

2. Дар тадқиқотҳои минбаъда оиди иқтидори андозбандии мамлакатҳои хориҷи дур ва наздик таҳлилҳо гузаронида, таҷрибаи онҳоро дар амалияи низоми андози ҷумҳуриямон мавриди истифода қарор медод.

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии тадқиқоти илмии муаллифро коҳиш намедиҳанд ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кор баён гардидаанд.

Дар маҷмӯъ метавон қайд намуд, ки автореферати рисолаи илмии Давлатов Диловар Сайфуллоевич дар мавзӯи "Такмили танзими андозии иқтисоди миллӣ (дар маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ )", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – «Молия, гардиши пул ва қарз», ба муқарраротҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – «Молия, гардиши пул ва қарз» мебошад.

**Тақриздиҳанда**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори**
**кафедраи назарияи иқтисодии ДДБ**
**ба номи Носири Хусрав** **Садриддинов Н.Т.**

**Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Хатлон, кӯчаи Айнӣ 67. Тел: (83222) 2-54-81**
**Вебсайт**: www. btsu. tj, **E-mail: bgu-1978**@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Садриддинов Н.Т.-ро тасдиқ мекунам,
Сардори ШК ДДБ ба номи Н. Хусрав Шукурзод Ҷ.А.